# ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 24.06.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «**Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”)** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони МО ҶТ **Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода**, доктори илми филология, дотсент, декани факултети режиссура, кино, телевизиони Муассисаи давлатии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” **Муминҷонов Зулфиддин** ва доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Хоҷазод Саидмурод**, муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон М. Муродӣ, А. Азимов ва Ҳ. Раҷабовро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дараҷаи илмии доктори илми филология дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дипломи дараҷаи илмии доктори илми филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илми филология, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.